# СОХТОРИ ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ ВА ТАЪСИРИ ТАРБИЯВИИ ОН БА ХОНАНДАГОН

*Донишгоҳи соҳибкори ва педагогикаи Деҳнав, доценти кафедраи Педагогика ва психология*
**Махмудов Шокир Камолович**
*Донишҷӯи бахши дуюм*
**Зарипова Фатхия Садриддиновна**

**Аннотатсия:** *Дар мақолаи мазкур, сохтори ҷараёни таълим, муносибатҳои байниҳамдигарии муаллиму хонандагон, рушди шахсияти хонанда ва таъсири табиявии таълим ба хонандагон мавриди барраси қарор гирифтааст.*

**Калидвожаҳо:** *Таълим, тарбия, хонанда, дарс, муаллим, маҳорат, малака, усул, фаъолият, натиҷа, ҷараён.*

**Annotation:** *In this article, the structure of the educational process, the mutual relations between teachers and students, the development of the personality of the student and the natural influence of education on the students are discussed.*

**Keywords:** *education, training, student, lesson, teacher, skill, skill, method, activity, result, flow.*

**Аннотация:** *В данной статье обсуждаются структура образовательного процесса, взаимоотношения преподавателей и учащихся, развитие личности учащегося и естественное влияние образования на учащихся.*

**Ключевые слова:** *образование, обучение, ученик, урок, учитель, умение, навык, метод, деятельность, результат, поток.*

Таълим тавассути муносибати дутарафаи муаллиму хонандагон ташкил карда шуда, таҷрибаҳои илмии то ба имрӯз ба даст омада ба хонандагон омӯзонида мешавад.

Таълим бе амалиёти якҷояи фаъолияти муаллим ва шогирдон, ва амалиёти дидактикӣ имконнопазир аст. Муаллим кӯшиши зиёде ба харҷ диҳад ҳам, бе ҳаракату иқтидори шогирдон ба мақсад намерасад. Агар муаллим хонандагонро ҳавасманд кунад, онҳоро шавқманд созад ва рафти таълиму тарбияро зери назорат гирад, ба натиҷаҳои баланд ноил мегардад.

Маълумот, тарбия ва инкишофи шахсияти хонанда нафақат дар ҷараёни таълиму тарбия дар мактаб, балки зери таъсири муҳит, ахбори умумӣ, меҳнати муфиди ҷамъиятӣ, бозиҳои спортӣ ва дигар чорабиниҳои берунасинфӣ ва берунамактабӣ сурат мегирад.

Мақсаднокии сохти чараёни таълим маънои онро дорад, ки ҳар як омӯзгор мақсади умумии таълиму тарбия аз фанни худ, ҳар як мавзӯъ ва бобҳои онро бояд хуб донад. Мазмуни таълимро нақшаи таълимӣ, барномаи давлатӣ ва китобҳои дарсӣ доир ба фанни таълимӣ, муайян кунад. Мундаричаи дарсҳои алоҳида мувофиқи вазифаҳои аз тарафи муаллим мушаххас карда мешавад, ки ин ба ҳаҷми дониш, маҳорат ва малака, дараҷаи тайёрӣ ва ҳавасмандии хонандагон вобаста аст.

Таълим яке аз воситаҳои тарбия ва ҳаматарафа инкишоф додани кӯдакон ва наврасон мебошад. Таълими хонандагон дар дарс сурат мегирад. Муташаккилона таълим додан имконият медиҳад, ки ҳама хонандагон баробар дониш гиранд.

Таъсири табиявии таълим ба хонандагон хеле калон аст, чунки ҳамаи онҳо дониш, маҳорату малакаи дар барнома пешбиншударо мегиранд, усулҳои фаъолияти фикриро азхуд мекунанд ва ин бошад, дараҷаи инкишофи онҳоро баланд мебардорад. Дар рафти дарсҳо аз муаллим маҳорат ва малака омӯхтан, муташаккилона кори фикри кардани шогирдон таъсири калони тарбиявӣ дорад.

Дар фаъолгардонии хонандагон мафҳуми «ҳавас» ҳамчун синоними ваҷҳ истифода мегардад. Аз ин маълум мегардад, ки агар усулҳои фаъоли таълим истифода шаванд, шавқу ҳаваси хонандаро тезтар ба таълимгирӣ бедор намудан мумкин аст. Роҳи тарбия намудан ё бедор кардани ҳавас, ин истифодаи савол ё масъалаҳое мебошад, ки хонанда барои ҷавоб ёфтани он фаъолона ҳаракат менамояд. Барои инкишоф додани ҳавас нақши асосиро вазъиятҳои проблемавӣ низ мебозанд. Агар супориш ва ё вазифаҳо мушкил бошанд, шавқовар мешаванд ва агар масъалаҳои маводи таълимӣ осон бошанду такондиҳии ақлӣ дида нашавад, он гоҳ шавқовар намешавад. Мушкилии масъалаҳои гузошташуда ҳамон вақт шавқу ҳавасро зиёд менамоянд, ки онҳо ба имконият ва қувваҳои хонандагон мувофиқ бошанд. Агар имкони ҳалли масъала мувофиқ ба синну сол ва ё фаҳми хонанда набошад, шавқу ҳавас тез аз байн меравад. Маводи таълимӣ ва усулҳои истифодашаванда бояд якранг набошанд. Дар гуногунии масъалаҳо шавқи хонанда ба чизҳои нав бедор мешавад ва хонанда дониши наве мегирад, ки барояш муҳим мебошанд. Фарзияи маводи таълимӣ низ шавқу ҳавасро зиёд мегардонад. Бояд дарки маводи нав бо дониши аллакай доштаи хонанда сурат гирад.

Тадқиқотҳои психологӣ нишон медиҳанд, ки дар охир-ҳои синни хурди мактабӣ (9-10 солаҳо) аксарияти хонандагон амалҳои таълимиро мустақилона иҷро карда наметавонанд. Аз ин рӯ, омӯзгорони синфои ибтидоиро зарур аст, ки роҳу усулҳои махсуси педагогию психологиро

истифода намуда, дар шогирдони худ мустақилона иҷро намудани вазифаҳои таълимиро омӯзонанд, то ки шогирдон дар таълимгирии минбаъда азоб накашанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки:

Хишти аввал гар ниҳад меъмор кач,
То ба охир меравад девор кач.

А.К. Маркова барои муайян кардани дараҷаи инкишофи фаъолияти таълимии хонандагон ташхиси чунин ҷиҳатҳоро зарур медонад: а) аз ҷониби хонандагон фаҳмидани супориши омӯзгор, дарки мақсади фаъолият ва қабули фаъолонаи вазифаи таълим барои худ; б) ҷобаҷокунии мустақилонаи вазифаҳои таълимӣ аз ҷониби хонандагон; в) интихоби иҷрои мустақилонаи амалҳо барои маводи нави таълимӣ.

Инчунин чунин ҳолати амалҳои таълимиро бояд муайян кард: кадом амалҳои таълимиро хонандагон иҷро менамоянд (ивазкунӣ, муқоисакунӣ ва ғ); онҳо ин амалро дар кадом шакл иҷро мекунанд; аз амалҳои содда ба мураккаб гузаштан ва истифодаи усулҳо; оё хонандагон тафовути байни усулҳо ва натиҷаи амалро мефаҳманд; бо чанд роҳ иҷрои амалро медонанд; оё хонанда пас аз анҷоми кор худро санҷида метавонад (санҷиши ҷамъбастӣ); оё хонанда дар раванди кор худро санҷида метавонад (қадам ба қадам худро санҷида метавонад); хонанда қобилияти пешакӣ ба нақша даровардани корро дорад (санҷиши кори банақшагирифтаи худ); хонанда аз ӯҳдаи худбаҳодиҳии мувофиқ мебарояд; хонанда ба ҳар як қисмати кор алоҳида-алоҳида баҳо дода метавонад ё ки умуман баҳо медиҳад.

Фаъолияти таълимӣ бояд объективона (хулосабарории дуруст, миқдори амалҳо то натиҷагирӣ, истифодаи вақт, иҷрои вазифа бо мушкилиҳои гуногун) ва субъективона (аҳамият, мақсади фаъолияти таълимӣ дар худи хонанда, қаноатмандии субъективона, истифодаи вақт ва қувваи психологӣ) сурат гирад.

Фаъолияти таълимии хонандагонро ташхис намуда, диққат додан лозим аст, ки чӣ гуна мақсадгузорӣ ва иҷроиши амалҳои мустақилона дар ин фаъолият дида мешавад. Мустақилона иҷро намудани фаъолияти таълимӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи инкишофи ақлонӣ, равандҳои маърифатӣ ва асосан тафаккури хонанда муайян карда шаванд. Таҷрибаҳои мактабӣ нишон медиҳанд, ки дар рафти баҳодиҳӣ ба донишазхудкунии хонандагон на фақат ба дониш, балки ба фаъолияти хонанда низ диққат додан лозим аст. Талабот ба натиҷаи таълимгирӣ чунинанд: системаи донишгирӣ ва имконият; намудҳои фаъолият, ки дар он мазмуни маводи таълимӣ аз худ карда мешаванд; хусусиятҳои сифатии азхудкунӣ, мазмун ва фаъолияти таълимӣ дар хонанда.

Омӯзгорон дараҷаи азхудкунии фаъолияти таълимии хонандагонро метавонанд тавассути тестҳо, санҷиши фаъолият, мушоҳидаҳои дарозмуддат ва дар рафти додани саволҳои шифоҳии психологӣ ва иҷрои корҳои контролии хаттӣ муайян намоянд.

Хулоса: Мақсади асосии таълим мусаллаҳ намудани хонандагон бо дониши амиқ инкишоф додани маҳорату малака ва дуруст истифода бурдани онҳо дар амал мебошад.

Дониш на танҳо дар хотир доштан, балки муқоиса намудан, шарҳ додан, идрок кардан, хулоса баровардан ва натиҷагирӣ кардан аст. Дар асоси азхудкунии дониш ҷаҳонбинии илмӣ ва сифатҳои ахлоқию эстетикӣ ташаккул меёбад, қобилияти хонандагон равнақ мегирад. Дар ҷараёни омӯзиш хулоса баровардан ва ҷамъбаст кардани он чунон пешбари шавад, ки хонандагон қонуни ҷамъшавандаҳоро дониста онҳоро барои ҳисоб ва ҳалли масъалаҳо ё ҳангоми муомилоти одамон дар ҳаёт истифода мебаранд.

Ин маънии онро надорад, ки дониш ба усулҳо, қонуну қоида ва маҳорат табдил меёбад. Барои он ки маҳорат ба миён ояд, ҳамеша бояд машқ кард ва дониш омӯхт. Дар тамоми фанҳои таълимӣ ба ғайр аз дониш боз ба хонандагон маҳорат тақозо карда мешавад.

Хонандагон дар ҷараёни хониш бо дониши амиқ ва маҳорату малака мусаллаҳ мешаванд. Дар ин асос нерӯи маънавӣ ва қобилияти онҳо такмил меёбад.

## АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА;

1. Выготский Л.С. Педагогическая психология.-М., 1996
2. Леонтьев А.Н. Лекции по общей психологии.- М., 2001
3. Маркова А.К., Матис Т.А., Орлов А.Б. Формирование мотивации учения.- М., 2014
4. Репкин В.В., Репкина Н.В. Развивающее обучение: теория и практика.- Томск, 2017
5. Эльконин Д.Б. Психология развития: Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений.- М., 2001